# ҚАРОРИ РАИСИ ВИЛОЯТИ СУҒД

аз 30 марти соли 20115 № 158

**Дар бораи таъсиси Ҷоизаи**
**Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф**

Мутобиқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» бо мақсади таъмини рушди минбаъдаи соҳаи маориф, баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҳавасмандкунии моддию маънавии омӯзгорони болаёқат, пешқадаму эҷодкори муассисаҳои таълимӣ ва роҳбарони маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки дар таълиму тарбияи хонандагон ба дастовардҳои баландтарин ноил гардидаанд, қарор мекунам:

1. Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф таъсис дода шавад.
2. Низомнома ва ҳайати кумитаи Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф тасдиқ карда шавад (замимаҳои 1,2).
3. Раёсати маорифи вилоят бо ҷалби роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои методӣ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ гузаронидани озмун барои дарёфти Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф тадбирҳо андешад.
4. Раёсати маорифи вилоят вазифадор карда шавад, ки маблағгузории мукофотонидани номзадҳо бо Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд аз ҳисоби маблағҳои дар соли 2015 пешбинигардида таъмин намуда, минбаъд дар ду сол як маротиба маблағҳои заруриро ба ин мақсад пешбинӣ намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовинони Раиси вилоят Ғафорова Н.А. ва А.Яъқубӣ гузошта шавад.

Раиси вилоят Абдураҳмон Қодирӣ

Замимаи 1

Ба қарори Раиси вилояти Суғд
аз « 30» марти соли 2015, № 158

# Низомномаи

# Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф

1. Муқаррароти умумӣ

Дар ҷумҳурӣ дар тӯли солҳои истиқлолият заминаҳои ҳуқуқии рушди маорифи миллӣ бунёд гардиданд. Қонуну қарорҳо ва як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа бо назардошти талаботи замони нав ва таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки барои рушди маориф мусоидат ва барои инкишофи босуръати он замина муҳайё намуданд.

Масъалаи баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҳавасмандкунии моддию маънавии омӯзгорони пешқадаму эҷодкори муассисаҳои таълимӣ ва дар ин замина беҳтар намудани таълиму тарбияи насли наврас дар меҳвари сиёсати имрӯзаи Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дода шудаанд.

Гузаронидани озмун барои дарёфти Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф (минбаъд Ҷоиза) муайян намудан ва супоридани он ба ғолибони ба амалигардонии ҳадафҳои маънавии давлатдории имрӯза хизмат мекунад.

2. Мақсади озмун

Озмун барои дарёфти Ҷоиза бо мақсади баланд бардоштани мақоми омӯзгор, мактабу маориф дар ҷомеа, ҳавасмандкунии моддию маънавии роҳбарон, омӯзгорону мураббиёни пешқадаму эҷодкори муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, роҳбарони маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки дар таълиму тарбияи хонандагон ба дастовардҳои баландтарин ноил гардидаанд, ҷорӣ карда мешавад.

3. Шартҳои озмун

Номзадҳои ба Ҷоиза пешниҳодгардида аз ҷониби комиссия мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, ҳангоми мувофиқ будани онҳо ба талабот пешбарӣ мегарданд.

Талабу меъёрҳои пешниҳоди номзадҳо ба Ҷоиза чунинанд:

- дорои дараҷаи тахассусии олӣ, на кам аз 10 сол собиқаи кории омӯзгорӣ дар муассисаи таълимие, ки аз он ба Ҷоиза пешниҳод мегардад;
- баланд будани дараҷаи дониши хонандагон аз фанне (маҳфиле), ки номзад таълим медиҳад;
- иштироки дастпарварони номзад дар олимпиадаю озмунҳои фаннӣ, ҳунарии вилоятию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;
- назаррас будани натиҷаи фаъолияти номзад дар корҳои беруназсинфии хонандагон;
- намунавӣ будани натиҷаи кори номзад ҳамчун роҳбари синф (гурӯҳ);
- намунавӣ будани мактабе, ки номзад дар он фаъолият менамояд ва баланд будани натиҷаи дохилшавии хатмкунандагони ин мактаб тариқи Маркази миллии тестӣ;
- гузоштани саҳми арзанда дар татбиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа;
- паҳн гардидани таҷрибаи пешқадами номзад (роҳбари маҳфил) дар миқёси вилоят;

- бо мақолаҳои илмӣ-методӣ баромад намудан дар воситаҳои ахбори омма ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳои вилоятӣ;
- иштирокчии озмунҳои касбии вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ;
- муаллифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ;
- мунтазам истифода бурдани воситаҳои муосири таълим дар машғулиятҳо ва такмил додани савияи дониши худ.

4. Тартиби гузаронидани озмун

Озмун барои интихоби номзадҳо дар чор давр доир мегардад.

Даври аввали озмун аз ҷониби муассисаи таълимӣ бо муҳокима ва баррасии номзадҳо дар шӯрои педагогӣ гузаронида мешавад. Баъди қабули қарор оиди интихоби номзад ҳуҷҷатҳои ӯ барои дарёфти Ҷоиза ба раёсати (шуъба)-и маорифи шаҳру ноҳияҳо пешниҳод карда мешаванд.

Даври дуюми озмун дар раёсат (шуъба)-и маорифи шаҳру ноҳияҳо дар асоси пешниҳодоти даври аввал (муассисаҳои таълимӣ) баргузор мегардад.

Даври сеюми озмунро Раёсати маорифи вилоят гузаронида, ба ҳар мукофот номзадии се нафарро интихоб ва қарори мушовараро бо замимаи ҳуҷҷатҳои зерин ба Кумитаи Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф пешниҳод менамояд:

- тавсифномаи роҳбари муассиса бо нишон додани фаъолияти меҳнатӣ ва дастовардҳои номзад;
- маълумотномаи анкетавӣ барои номзад;
- рӯйихат ва маводҳои чопии номзад (китобҳо, дастурҳои методӣ, нусхаи мақолаҳо ва ғ.)
- протоколи комиссияи овоздиҳии пинҳонӣ;
- мактуб оид ба пешниҳоди номзадҳо барои дарёфти Ҷоиза.

Кумитаи Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф дар асоси пешниҳодоти Раёсати маорифи вилоят даври ниҳоии озмунро гузаронида, то 15 июл номзадҳоро, тибқи Низомномаи мазкур, барои дарёфти Ҷоиза муайян мекунад.

5. Тартиби баҳодиҳӣ

Номзадҳо барои дарёфти Ҷоиза дар даврҳои дуюм-чоруми озмун ба таври овоздиҳии пинҳонӣ муайян карда мешаванд. Қарори шӯрои педагогӣ, шӯрои раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, мушовараи Раёсати маорифи вилоят ва Кумитаи Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф дар ҳолати иштироки аз ду се ҳиссаи ҳайати он бо тарафдории аксари овозҳо қабулгардида ҳисоб мешаванд.

Дар вақти баробар будани овозҳо овоздиҳии такрорӣ гузаронида мешавад.

6. Муқаррароти хотимавӣ

Ҷоиза аз 3 мукофот иборат буда, маблағи ҳар яки он 10 (даҳ) ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Озмун барои гирифтани Ҷоиза дар ду сол як маротиба гузаронида шуда, Ҷоиза ба ғолибон аз тарафи Раиси вилоят дар машварати августии кормандони соҳаи маориф супорида мешавад.

Кормандоне, ки бо Ҷоизаи Раиси вилоят мукофотонида мешаванд, такроран пешниҳод намудани онҳо ба Ҷоиза мумкин нест.

Замимаи 2

ба қарори Раиси вилояти Суғд
аз « 30» марти соли 2015, № 158

**Ҳайати**

**кумитаи Ҷоизаи Раиси вилояти Суғд дар соҳаи маориф**

1. Муовини Раиси вилоят, сарпарасти соҳа - раиси кумита;
2. Сардори Раёсати маорифи вилоят - муовини раиси кумита;
3. Мудири шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи Раёсати маорифи вилоят - котиби кумита.

Аъзоён:

1. Мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилоят;
2. Мудири шуъбаи маъмурию ҳуқуқии дастгоҳи Раиси вилоят;
3. Сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят;
4. Мудири шуъба оид ба корҳои дин,танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят;
5. Сардори Раёсати фарҳанги вилоят;
6. Сардори Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят;
7. Раиси кумитаи вилоятии иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм;
8. Раиси шурои ҷамъиятии созмони талабагии вилоят